Суратҷаласаи №6

Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВДК "Хуҷандобуканал"

24 майи соли 2016 ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: Намояндагони шуъбаҳои ҳуқуқӣ, техникӣ, кор бо аҳолӣ ва иқтисодии КВДК "Хуҷандобуканал, намояндагони Филиали "Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон" дар вилояти Суғд, аъзоёни Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ.
Иштирок надоштанд: 4 нафар (ШСМ).

Рӯзномаи маҷлис:

1. Чоҳакҳои кушода дар маҳаллҳо.
2. Масъалаҳои ҷорӣ.

Вохӯрии навбатии Шӯрои машваратии ҷамъиятиро бо иштироки кормандони КВДК "Хуҷандобуканал" ва намояндагони раисони биноҳо ва намояндагони раисони маҳаллҳоро Ҳоҷӣ Валӣ Набизод оғоз намуд. Ҳоҷӣ Валӣ Набизод иштирокчиёни ҷаласаро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуда, оиди мақсади асосии Шӯрои машваратии ҷамъиятиро гуфта гузашт. Бахри шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оиди фаъолияти корхона ҳар моҳ як маротиба тариқи ВАО иттилоот дода мешавад, ки ин раванди пешгирифтаи корхона барои мустаҳкам намудани муносибат бо истифодабарандагони оби нӯшокӣ ва баланд бардоштани маърифати онҳо мусоидат карда истодааст. Зеро мақсади корхона ин таъмин намудани истифодабарандагони оби нӯшокӣ бо оби тоза ва босифат мебошад, қайд кард дар баромади худ Ҳ.Набизод.

Дар асоси қарори ҷаласаи охирони Шуро оиди омода намудани мактуб ба унвони Раиси шаҳри Хуҷанд вобаста ба таъмин намудани майдончаҳои назди биноҳои баландошёна бо оби полезӣ иштирокчиён бо матни мактуби омодашуда шинос шуданд ва он имзогузорӣ карда шуд аз тарафи аъзоёни Шӯро. Инчунин дар ҷаласа муовини директори гурӯҳи иҷроиши лоиҳа Икромов М.А., сухан карда, ҳозиринро бо накшаи маҷлиси фаъолони вилоят оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар семоҳаи аввали соли 2016 ва вазифаҳои минъбаъда бахри сазовор пешвоз

гирифтани 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2016 баёншуда шинос намуда иброз дошт, ки дар нақшаи зикршуда оиди ташкили "Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ" дар шаҳр ба роҳ монда, бобати ҷамъоварии ҳаққи оби истифодашуда корбарӣ ҷоннок карда шавад. Ӯ гуфта гузашт, ки дар шароити ҳозира ҳамаи муштариён новобаста аз шакли моликияташон оби нӯшокиро ҳамчун оби полезӣ дар майдону майдончаҳо истифода мебаранд ва мутобиқ ба моддаи 4 банди 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 таҳти №670 "Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он" музднок будани таъмини оби нӯшокиро таъкид намуд ва таклиф пешниҳод намуд, ки муштариён маблағи истифодаи оби полезиашонро тибқи нархномаи амалкунандаи КВДК "Хуҷандобуканал" пардохт намоянд. Оиди масъалаи мазкур ҳуқуқшиноси корхона Охунбобо Саидаҳмадзода низ сухан карда, ташкили "Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ"-ро саривақтӣ арз намуда, пешниҳоди Икромов М-ро ҷонибдорӣ намуда иброз дошт, ки барои ташкили ассотсиатсия тибқи қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми хосро қабул намоем. Оиди масъалаи сарпушакҳои чоҳакҳои кушода қайд карда шуд, ки дар марҳилаи сеюми лоиҳа ба нақша гирифта шудааст, ки сарпушакҳои қулфдор омода шавад, зеро имконияти гирифтани чунин сарпӯшакҳо аз тарафи шаҳрвандон барои дуздидан ва ба фурӯш баровардани онҳо аз байн меравад. Чунин пешниҳод шуд, ки ҳангоми ворид шудани маълумот ба корхона оиди чоҳакҳои кушода бояд намояндаи корхонаи обтаъминкунанда муайян намояд, ки ин чоҳакҳо ба кадом корхона тааллуқ дорад, ва дар асоси он бояд ба шахси мурочиаткарда маълумот оиди тааллуқ доштани он ба корхонаи таъминкунандаи об ё натиҷаи кори ба анҷом расонидашуда дода шавад. Чунин пешниҳод аз тарафи иштирокчиён кабул карда шуд. Инчунин аз тарафи намояндаи корхонаи обтаъминкунанда қайд крада шуд, ки КВДК "Хуҷандобуканал" бисёри чоҳакҳои обро, ки аз кор баромадаанду сарпуш надоранд бо хок пур карда шуда истодаанд. Ва як нафар (обходчик) дар соҳили чап барои дарёт намудани камбудиҳо дар соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ вобаста карда шудааст, ки бо ароба соҳили чапро давр мезанад.

Мувофиқи рӯзномаи ҷаласа доир ба масъалаҳои ҷорӣ Каримова оиди сарчашмаи оби интиқолдодашудаистода ба маҳаллаи 31 пурсон шуд. Зеро ба гуфти ӯ вақтҳои охир оби нӯшокии сифаташ паст омада истодааст. Сабаби чунин будани сифати обро намояндаи КВДК "Хуҷандобуканал" дар пайдар пай омадани борон дар моҳи ҷорӣ шарҳ дод, ки боронҳои пайдарпайи моҳи ҷорӣ ба қатъ намудани интиқоли оби Овчақалъача ва сойи Хоҷабақирғон гашт, ки ин боиси бо хок омадани оби нӯшокӣ гаштааст. Ҳангоми боздоштан ва аз нав интиқол намудани об мухлати муайян об бо хок меояд, зеро ҳангоми аз нав интиқол додани об бо фишори баланд сурат мегирад. Ҳамин ҳолат боиси бо хок омадани об мегардад. Аммо таҳлилҳои

лабораторӣ гузаронида шудаанд, ки таркиби чунин оби интиқолдодашуда безарар мебошад. Намояндаи маҳаллаи Ором Раҷабов М., масъаларо вобаста ба иваз намудани қубурҳои кӯҳнаи обро ба нав ба миён гузошт, зеро ба гуфтаи ӯ аз сабаби фарсуда будани қубурҳо талафоти об дар ин маҳалла бисёр аст ва садамаҳо низ вобаста ба қубурҳои об ҳар рӯз шуда истодааст. Нав кардани қубурҳои оби маҳаллаи Ором, шаҳраки Обшорон дар марҳилаи сеюми лоиҳа пешбинӣ шудааст гуфт Х.Набизод. Аз тарафи раиси маҳаллаи 3, бинои 8 Саидова М., пешниҳод крада шуд, ки ин маҳалла низ аз тарафи КВДК "Хуҷандобуканал" бо об таъмин карда шавад, зеро ташкилоти хусусии таъминкунандаи обии ин маҳалла оби нӯшокии сифаташ пастро интиқол дода истодааст ва бо вуҷуди он интиқоли оби нӯшокӣ номунтазам мебошад.

Ба таъминоти худ гирифтани маҳаллаи 3 дар назар аст, лекин ин муҳлати дарозро талаб мекунад, то ки корхона қубурҳои обро ба ин маҳалла гузаронад ва маблағ барои ин кор дарёфт бояд карда шавад ҷавоб дод намояндаи КВДК "Хуҷандобуканал".

Баъдан намояндаи КВДК "Хуҷандобуканал" аз раисони маҳаллҳо ва намояндагони онҳо хоҳиш намуд, ки аз тарафи онҳо оиди партофтани партовҳо (қуттиҳои пластикӣ, памперсҳо), ки оқибат ба ҷамъшавии онҳо дар чоҳакҳо ва сабаби бӯйи нохуш гаштани гирду атроф мегардад бо истиқоматкунандагони биноҳо корбарӣ кунанд. Ва оиди сари вақт пардохт кардани маблағи хизматрасонии корхона мусоидат намоянд, зеро корхона бояд маблағи кувваи бакро низ ба таъминкунандаи барқ пардохт намояд, зеро оби нӯшокӣ бо истифода аз қувваи барқ аз стансияҳои насосӣ интиқол дода мешавад.

Дар охири ҷаласа қарор карда шуд, ки дар ҷаласаи навбатии Шуро:

1. Натиҷаи мактуби Шӯро ба Раиси ш.Хуҷанд дида баромада мешавад;
2. Пешниҳоди муовини директори гурӯҳи иҷроиши КВДК "Хуҷандобуканал" оиди ташкили "Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ" ба инобат гирифта шавад ва як механизми хос оиди ташкили ассотсиатсия аз тарафи ҳуқуқшиносони корхона тартиб дода шуда ба муҳокимаи навбатии Шӯро пешниҳод карда шавад;
3. Намояндаи шуъбаи лаборатории КВДК "Хуҷандобуканал" ба чаласа даъват карда мешавад;
4. Оиди натиҷаҳои масъалаҳои дар чаласа баррасӣ шуда ҳисобот дода мешавад;
5. Дар ҷойҳо дида баромадани чоҳакҳои бе сарпуш ва муайян намудани ба кадом корхона тааллуқ доштани он;

6. Баррасии масъалаҳо вобаста ба аҳолӣ (қарз, сифати об ва ғ.).

Бо ҳамин Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурхонов Р.С

Котиби комиссия: Ҳ.В. Набизод.